*Барои истифодаи хизматӣ*

Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

# ДАСТУРАМАЛ

## барои ҳуқуқшиносони Бюроҳои давлатии ҳуқуқии МДМЁҲ ҷиҳати расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони аз зӯроварӣ дар оила



Душанбе – 2018

**ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ»**

# ФАРМОН

аз «8» ноябри соли 2018 №12

Бо мақсади таъмини фаъолияти мунтазам ва самараноки Бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ мувофиқи Оиномаи Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»

ФАРМОН МЕДИҲАМ:

1. «Дастурамал барои ҳуқуқшиносони Бюроҳои давлатии ҳуқуқии МД «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» ҷиҳати расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони аз зуроварӣ дар оила» тасдиқ карда шавад.

2.Дастурамали мазкур ба ҳуқуқшиносони Бюрои давлатии ҳуқуқӣ дастрас карда шавад.

3. Назорат аз болои иҷроиши Фармони мазкурро ба зиммаи худам мегирам.

**Директори Муассиса** **Нусратов Л.М.**

**Бо фармони Директори**
**Муассисаи давлатии**
**«Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и**
**Вазорати адлияи ҶТ**
**аз 08.11. соли 2018, № 12**
**тасдиқ шудааст**

# ДАСТУРАМАЛ
# барои ҳуқуқшиносони Бюроҳои давлатии ҳуқуқии МДМЁҲ (минбаъд – БДҲ) ҷиҳати расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони аз зӯроварӣ дар оила

## Қисми I. МУҚАДИМА

### 1. Мақсад, предмет ва вазифаҳои асосии Дастурамал

1.1. Мақсади асосии Дастурамали мазкур ин муайян намудани вазифа ва функсияҳои ҳуқуқшиносони БДҲ ҳангоми муроҷиати шахсони ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила (минбаъд – ЗО) барои маслиҳати (машварати) ҳуқуқӣ мебошад.

1.2. Предмети танзими Дастурамали мазкур ин фаъолияти мутақобилаи ҳуқуқшиносони БДҲ бо субъекти мушахаси аз ЗО ҷабрдида, мебошад.

1.3. Вазифаҳои асосии Дастурамал мусоидат намудан барои таъмини имкониятҳои баробар ба ҷабрдидагони ЗО, инчунин таъмини амнияти зиндагии арзишманд ва баамал баровардани ҳуқуқҳое, ки дар кафолатҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудаанд.

## Қисми II. Мафҳумҳои истифодашаванда

2.1. Дар доираи Дастурамали мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд: «зӯроварӣ дар оила», «шахсе, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидааст», «субъектоне, ки аз зӯроварии оилавӣ огоҳонида мешаванд», «тарзҳои ҳимояҳои пешбинишуда», ки дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.03.2013, таҳти №954 ва мафҳуми «шахсе, ки дар ҳолати вазнини ҳайётӣ қарор дорад», ки дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008, таҳти рақами №359 ба имзо расидааст, пешбинӣ гардидаанд.

2.2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» чунин мафҳумҳо ва намудҳои ЗО пешбинӣ шудааст:

– **зӯроварӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад;

– **пешгирии зӯроварӣ дар оила** – маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии аз ҷониби субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила амалишаванда, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, муайян ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона карда шудаанд;

- **зӯроварии ҷисмонӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила, ки дар натиҷаи истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ боиси расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ шудааст;

– **зӯроварии рӯҳӣ дар оила** – таъсиррасонии қасдонаи рӯҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад;

– **зӯроварии шаҳвонӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии

ҷинсии дигар узви оила таҷовуз мекунад, инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд;

– **зӯроварии иқтисодӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад;

– **ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила (минбаъд – ҷабрдида)** – узви оила, ки ба ӯ аз ҷониби дигар узви оила қасдан зарари ҷисмонӣ, маънавӣ ё моддӣ расонида шудааст;

– **амрномаи муҳофизатӣ** – ҳуҷҷате, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ё шахсе, ки таҳдиди содир намудани онро мекунад, дода мешавад;

– **субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила** – мақомоти давлатӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои пешгирии зӯроварӣ дар оила масъул мебошанд.

2.3. Муқаррароти Дастурамали мазкур ҳангоми муроҷиат нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, инчунин онҳое, ки дар ақди никоҳ мебошанд ва аъзои оилаи онҳо, ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки бо пешбурди хоҷагии умумӣ якҷоя зиндагӣ мекунанд, татбиқ мегардад.

## Қисми III. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, ки ҳуқуқшиносони БДҲ дар фаъолияти худ ҳангоми ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ЗО ба роҳбарӣ мегиранд

3.1. Бо дарки он, ки ЗО поймолкунии ҳуқуқҳои инсон мебошад, ҳуқуқшиносони БДҲ чораҳои муайянро бо

мақсади эътироф ва риояи ҳуқуқҳои ҷабрдидагони аз ЗО, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, меандешанд.

3.2. Ҳуқуқшиносони БДҲ дар фаъолияти худ оид ба пешгирии ЗО ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҷабрдидагони ЗО аз як қатор меъёрҳои санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин тавсияҳо оид ба таъмини амалишавии уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи мазкур ба роҳбарӣ мегиранд.

а) **Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

«Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.» (мод.5);

Дар моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳалли ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.»;

Кафолати баробарии ҳама дар назди қонун ва суд дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад: «Ҳар як инсон дар назди қонун ва суд баробар аст. Давлат ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар шахсро, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ, маориф, вазъи иҷтимоӣ ва моликият кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробаранд»;

Моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд: «...Ҳеҷ кас наметавонад аз ҳаёт маҳрум карда шавад, ба истисноӣ ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин. Муносибати шахс ба давлат кафолат дода мешавад.

Ҳеҷ кас наметавонад ба шиканҷа, муносибати бераҳмона ва муомилаи ғайриинсонӣ таҳдид кунад...»;

Ғамхории давлат ба оилаҳо ва кӯдакон дар моддаҳои 33 ва 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Оила ҳамчун асоси ҷомеъа зери ҳимояи давлат қарор дорад. Ҳар шахс барои бунёди оилаи худ ҳуқуқ дорад. Мардон ва занони ба синни никоҳӣ расида, озодона ҳуқуқи никоҳ кардан доранд. Дар муносибатҳои оилавӣ ва дар мавриди бекор кардани акди никоҳ ҳамсарон баробарҳуқуқанд…»; «Модар ва кӯдак зери ҳимоя ва парастории махсуси давлат қарор доранд. Волидайн барои таълим тарбияи фарзандон ҷавобгар буда, фарзандони ба синни балоғат расида ва қобили меҳнат ба ғамхорӣ ва ҳифзи иҷтимоии волидайни хеш ҷавобгаранд…».

б) **Эломияи умумии ҳуқуқи башар** (бо Қ*атъномаи* <u>*217A (III) Ассамблеи* </u>*Генералии СММ, аз 10 декабри соли 1948 қабул шуда, соли 1992 аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст)*.

Дебоча: «Бо дарназардошти ин, ки эътирофи қадру қимат ба ҳамаи аҳли башар хос буда, ҳуқуқи баробар ва дахлнопазири онҳо асоси озодӣ, адолат ва сулҳи умум аст…», ва инчунин:

- *Моддаи 3.* «Ҳар як инсон дорои ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ мебошад»;
- *Моддаи 5.* «Ҳеҷ кас набояд таҳти азият ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шарафи ӯ қарор дода шавад»;
- *Моддаи 8.* «Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад»;
- Моддаи 16, банди 3). «Оила рукни табиӣ ва асосии ҷамъият буда, ба ҳимояи ҷамъият ва давлат ҳақ дорад»;
- Моддаи 25, (банди 1). «Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои сиҳатию некӯаҳволии худи ӯ ва оилааш зарур аст, ба таъминот дар

ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, бесаробон мондан, пиронсолӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад. 2. Модарону кӯдакон ба васоят ва кӯмаки махсус ҳақ доранд. Ҳамаи кӯдаконе, ки дар акди никоҳ ва берун аз он таваллуд шудаанд, бояд аз ҳимояи иҷтимоии баробар истифода намоянд».

в) **Конвенсияи зидди шиканҷа, муносибат ва ҳукми бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф** *(бо Қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ 39/46 аз 10 декабри соли 1984 қабул шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1995 ҳамроҳ шудааст).*

г) **Конвенсия дар бораи барҳамдиҳии ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон** (*бо Қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ 34/180 аз 18 декабри соли 1979 қабул шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1993 ҳамроҳ шудааст).*

- Тавсияи 18«д» Кумитаи СММ «Оид ба барҳамдиҳии ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон» вобаста ба гузориши маҷмӯии чорум ва панҷуми Тоҷикистон оид ба татбиқи муқаррароти Конвенсияи СММ «Дар бораи барҳамдиҳии ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон» таъмини «дастгирии ройгони ҳуқуқӣ ва кӯмаки баробарарзишро барои ҷабрдидагони ЗО дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» тақозо менамояд.

д) **Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак** (*барои имзо, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ бо Қатъномаи 44/25 аз 20 ноябри соли 1989 тавсия гардидааст; Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1993 ҳамроҳ шудааст*) барои ҳимояи беҳтари манфиатҳои кӯдак ва тадбирҳои кафолатноки ҳифзи давлатии ҳуқуқи кӯдак равона гардидааст.

е) Шӯро оид ба ҳуқуқи инсони назди Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба гузориши Гурӯҳи корӣ оид ба Тафсири даврии универсалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли соли 2016 як қатор тавсияҳоро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳкими механизмҳои ҳифзи давлатии иҷтимоии ҷабрдидагони шаклҳои мухталифи

зӯроварӣ, аз ҷумла ЗО пешниҳод намуд, ки баъдан аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ карда шуданд (тавсияи №115.65 – «механизми иҷрои Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва «Барномаи дахлдор барои солҳои 2014–2023»; тавсияи 118.27 – «идома додани корҳо оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон, аз ҷумла тавассути қабули қонунҳои пешгирикунанда, инчунин пешниҳоди хизматрасонии офиятбахшӣ ба ҷабрдидагон»; тавсияи 118.31 – «...шароитҳое фароҳам оварда шаванд, ки дар он ҷабрдидаҳо натарсанд, ки оид ба ЗО хабар диҳанд ва шумораи паноҳгоҳҳо барои қурбониёни чунин зӯроварӣ зиёд карда шавад»;

ж) **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»** муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд.Қонун мазкур вазифаҳои субъектҳои пешгирикунанда, тадбирҳои инфиродӣ оид ба пешгирии ЗО, инчунин чораҳо оид барқарорсозии ҷабрдидагони ЗО-ро тафсил медиҳанд.

Мувофиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷабрдидагони ЗО барои гирифтани намудҳои зерини кумак ҳуқуқ доранд:

– кӯмаки тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро гирад;

– бо розигии хаттиаш дар марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон ҷойгир карда шавад;

– маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва дигар иттилоотро оид ба ҳифзи амнияташ гирад;

– ба мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ бо мақсади маҳкумкунии ҷамъиятии рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд;

– ба мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ё суд дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд.

з) **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»** аз 17 майи соли 2004, №544, қисми якуми моддаи 10, ки муқарраротҳоро доир ба вазифаҳои милитсия пешбинӣ мекунад, омадааст: - банди б) «мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо татбиқ намояд»;

и) **Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ»:**

**Моддаи 93(1). Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила**

Барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, яъне содир намудани кирдори қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодӣ ё таҳдиди содир намудани онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, агар ин кирдор боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила гардад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Моддаи 93(2). Риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ**

Барои риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз таъйин карда мешавад.

к) **Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд:**

Моддаи 110. Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ;

Моддаи 111. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

Моддаи 112. Қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ;

Моддаи 116. Лату-кӯб;

Моддаи 117. Азобу уқубат;

Моддаи 139. Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ;

Моддаи 141. Алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ

– бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст;

Моддаҳои 165 то 178 "Ҷиноятҳо муқобили оила ва ноболиғон".

л) **Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд:**

Моддаи 69. Маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ.

Волидон (яке аз онҳо) метавонанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шаванд, агар онҳо:

– аз иҷрои уҳдадориҳои падару модарӣ, аз ҷумла додани алимент қасдан саркашӣ кунанд;

– бе сабабҳои узрнок аз таваллудхона (таваллудгоҳ) ё муассисаи дигари тиббӣ ё тарбиявӣ, муассисаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ё дигар муассисаҳои монанди он гирифтани фарзанди худро рад намоянд;

– аз ҳуқуқи падару модарии худ суиистифода намоянд;

– ба фарзандон муносибати бераҳмона кунанд, аз ҷумла нисбати онҳо зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳиро раво бинанд, ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо сӯиқасд намоянд;

– майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд;

– бар зидди ҳаёт ва саломатии фарзандони худ ё саломатии ҳамсари худ қасдан ҷиноят содир карда бошанд.

м) **Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2023,** ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, таҳти №294, тасдиқ шудааст.

Мақсади асосии Барнома фаъолгардонии кӯшишҳо дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, таъмини сиёсати самараноки гендерӣ дар кишвар, роҳ надодан ба зӯроварию табъиз дар муносибатҳои оилавӣ, ташаккули низоми созандаи муносибатҳо дар он, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахс ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеа маҳсуб меёбад.

Вазифаҳои асосии Барнома инҳо мебошанд:

– мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– ташаккули муносибати тоқатнопазири ҷомеа нисбат ба зӯроварӣ дар оила;

– ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи зӯроварӣ дар оила;

– мусоидат ба баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд;

– пешгирии бемориҳои сироятӣ дар байни аҳолӣ ва тарҷиби тарзи ҳаёти солим;

– ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони имконияташон маҳдуд;

– ташкили механизмҳои татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила».

Барнома дар самтҳои зерин татбиқ мегардад:

– такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва татбиқи воқеии онҳо;

– тағйир додани афкори омма нисбат ба зӯроварӣ дар оила;

– ҷоннок гардонидани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирӣ, ошкор ва бартарафсозии омилҳои зӯроварӣ дар оила;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд;

– такмили мазмун ва моҳияти чорабиниҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– таҳияи дастурҳои методӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги муносибатҳои оилавӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– дар доираи воҳидҳои кории амалкунанда ва маблағҳои пешбинишуда таъсис додани марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои

ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва беҳтар намудани хизматрасонии ҳуқуқӣ, равонӣ ва тиббӣ ба онҳо;

– таъсиси махзани ягонаи иттилоотӣ оид ба ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила;

– мукаммал гардонидани фаъолияти институтҳои махсусгардонидашуда оид ба таъмини дастгирии иҷтимоии оила ва кӯдак, марказҳои равонию педагогӣ дар самти раҳоии оилаҳо аз вазъи буҳронӣ ва мутобиқгардонии ҷабрдидагон ба ҳаёти муътадил.

Дар баробари дигар мақомоту идораҳои давлатӣ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси иҷрокунандаи чорабиниҳои дар Барномаи мазкур зикргардида баромад мекунад.

н) **Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати** Ҷумҳурии Тоҷикистон **таҳти №801 аз 30 декабри соли 2015 тадиқ гардидааст.**

Дар банди 42 омадааст: «Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва таъмини устувории оила мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, як унсури асосии баланд бардоштани маърифати оилавиро маърифати ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Бо ин мақсад, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор, олимони ҳуқуқшинос тавассути воситаҳои ахбори омма мунтазам корҳо оид ба фаҳмондадиҳии ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои оила ба роҳ монда шаванд».

Банди 44. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» намояндагони иттиҳодияҳои диниро низ вазифадор мекунад, ки барои пешгирии зӯроварӣ ва ё паст намудани сатҳи он дар оила саҳми худро гузоранд. Инчунин, ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила зарур аст:

– таъмини кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила тавассути дастгирии марказҳои буҳронии фаъолияткунанда ва ташкили марказҳои нави ёрирасони иҷтимоӣ дар ҳама минтақаҳои кишвар;

– таъмини бақайдгирии пурраи ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, гузаронидани таҳқиқи саривақтӣ, тафтиш ва баррасии судии парвандаҳои чунин категория бо мақсади ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор ва пардохти ҷубронпулӣ ба ҷабрдидагон;

– таъмини фаъолияти ҳамоҳанги мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

– гузаронидани таҳқиқот оид ба муайян намудани сабаб, омил ва ҳудудҳои зӯроварӣ дар оила.

о) **Консепсия дар бораи расондани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Консепсия),** ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №425 аз 2 июли соли 2015 тасдиқ гардидааст.

Расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷаро ба тамоми шаҳрвандони мамлакат ва расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷаро ба шахсони ҷабрдида аз ЗО ва ба наздикону пайвандон ва аъзоёни оилаи онҳо, ҳамчун шахсони дорои ҳуқуқи гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст (банди 25).

## Қисми IV. Дастурамал оид ба вокуниши ҳуқуқшиносони БДҲ дар мавриди ЗО

### 4.1. Мақсади машварати ҳуқуқӣ ва ёрӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила:

а) Ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа дар пешниҳоди иттилооти ҳуқуқӣ ба аҳолӣ тавассути пешниҳоди шарҳдиҳии иттилооти ҳуқуқӣ дар бюроҳои давлатӣ ва ҳангоми машваратҳои сайёр дар маҳалҳо; тартиб додани аризаҳо, шикоят ва дигар ҳуҷҷатҳо; расонидани ёрии иттилоотӣ баҳри таъмини дастрасии шахс ба ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа, иттилоотонидан доир ба имкониятҳои ҳалли

тосудии мунокишаҳои ҳуқуқӣ дар доираи қонунгузорӣ дохил мешавад.

б) Ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдарача аз тартиб додани ҳучатҳои мурофиавӣ, ҳимоя аз таъқиби ҷиноятӣ, намояндагии шаҳрвандон дар судҳо ва дигар мақомоти давлатӣ иборат мебошад.

**4.2. Ваколатҳо, ӯҳдадориҳо ва накши ҳуқуқшиносони БДҲ дар ҳимояи ҷабрдидгони ЗО:**

а) Ёрии ҳуқуқии ройгони аз тарафи давлат кафолатдодашуда аз тарафи ҳуқуқшиносоне, ки омӯзиши махсусро гузаштаанд ва асосҳои кор бо ин категорияи муроҷиаткунандагон (ҷабрдидагони ЗО)-ро омӯхтаанд дар маҳалли фаъолияташон расонида мешавад.

б) Ҳуқуқшиносони БДҲ дар маҳалҳои фаъолияташон расонидани ёрии ҳуқуқии сифатнокро ба ҷабрдидагони ЗО таъмин менамоянд.

в) Ҳуқуқшиносони БДҲ бояд ба ҷабрдиагони ЗО муқарароти қонунгузориро оид ба ҳуқуқу озодиҳояшон фаҳмонанд ва инчунин истифода кардан аз воситаҳои ҳимоя, аз ҷумла гирифтани амрномаи муҳофизатиро баён созанд.

г) Ҳамин тариқ, ҳуқуқшиносони МДҲ:

- Ҷабрдидагони ЗО-ро ҳангоми муроҷиати онҳо муайян мекунанд;
- Бо мақомоти корҳои дохилӣ (бо дархости ҷабрдидагон) барои ҷалби содиркунандаи ЗО ба ҷавобгарӣ ҳамкорӣ мекунанд;
- Дар мавриди зарурӣ барои таъмини ҷабрдидгони ЗО бо ҷой дар марказҳои офиятбахшии тиббӣ-иҷтимоӣ чора меандешанд ё ба марказҳои машваратии рӯзона, марказҳои дастгирии бухронӣ равона месозанд;
- Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдидгони ЗО, аз ҷумла ноболиғонро ҳимоя менамоянд;
- Ба дастгоҳи марказии МДМЁҲ оиди кори Бюро ҳисоботи солона, бо нишондоди миқдори муроҷиатҳои ҷабрдидгони ЗО, пешниҳод менамоянд.

**4.3. Шаклҳо ва тартибҳои расонидани ёрии ҳуқуқӣ барои ҷабрдидагони ЗО:**

Мувофиқи муқаррароти Консепсия шахсони аз ЗО ҷабрдида ба ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа ҳуқуқ доранд. Маҳз аз машварати аввалияи ҳуқуқшинос тасмими минбаъдаи шахси аз ЗО ҷабрдида вобаста аст.

а) **Машварати пешакии ҳуқуқшинос:**

Чунин машварат ҳангоми муроҷиати якум сурат мегирад. Мақсади чунин машварат ба он равона гардидааст, ки мутаалиқияти соҳавии масъаларо муайян намояд. Машварати пешакӣ харҷи зиёди вақтро дар назар надорад ва он бидуни шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо сурат мегирад ва ҳатто метавонад тариқи сӯҳбати телефонӣ анҷом ёбад. Дар ҳолате, ки ҳалли масъала вақти зиёдро талаб мекунад ва ё зарурати омӯзишу шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо мавҷуд аст, муроҷаткунанда барои сӯҳбати муфассал ё машварати такрорӣ давъват карда мешавад.

б) **Машварати ҳуқуқии асосӣ (базавӣ):**

Ин машварат машварати муфассал буда, аслан хизматрасонии комили ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Он дар ҳузӯри бевоситаи муроҷиаткунанда сурат мегирад ва ба муайянсозии моҳияти масъала, роҳҳои ҳалли он, алгоритми амалҳои минбаъда ва мувофиқасозии ин амалҳоро бо муроҷаткунанда дар назар дорад. Дар раванди чунин машварат ҳуқуқшинос метавонад ба муроҷиаткунанда саволҳои муайянкунанда диҳад, бо ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шинос шавад, ҳолатҳои корро муайян намояд. Танҳо баъди ин ҳуқуқшинос метавонад ба қисмати истеҳсолии кор (ҳодисаи) ҷойдошта пардозад, яъне метавонад ариза, шикоят ва ягон ҳуҷҷати дигарро тартиб диҳад. Дар рафти машварати асосӣ (базавӣ) ҳуқуқшинос бояд тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои муроҷиаткунандаро бо назардошти оқибатҳояшон ба муроҷиаткунанда баён созад. Дар ниҳояти машварат муроҷаткунанда бояд аз механизми ҳалли масъалаи худ огаҳӣ ёбад. Баъди ин муроҷаткунанда мустақилона ҳал мекунад, ки худаш шахсан ва ё тавассути ҳуқуқшинос ба мақомоти дахлдор оид ба ҳалли мушкилоташ муроҷат кунад.

Дар баъзе мавридҳо машварати асосӣ (базавӣ) низ кифоят намекунад, зеро дар муроҷаткунанда баъди рафтан аз назди ҳуқуқшинос ягон саволи иловагӣ пайдо шуданаш мумкин аст. Дар чунин ҳолатҳо аз машварати телефонӣ истифода кардан мумкин аст. Агар ҳалли масъала тариқи сӯҳбати телефонӣ имконнопазир бошад, пас шаҳрванд ба машварати такрорӣ даъват карда мешавад.

в) **Тартиби умумии қабул ва машваратдиҳӣ ба шахсони аз ЗО ҷабрдида дар вобастагӣ бо эҳтиёҷот ва афзалиятҳои ҷабрдидагон. Ҳуҷҷатнигорӣ ва ҳисоботи кори иҷрошуда:**

Кори ҳуқуқшинос зинаҳои зеринро дар бар мегирад**:**

- Қабули шаҳрвандоне, ки аз ЗО зарар дидаанд ва муайян намудани моҳияти масъалаи онҳо, ки аҳамияти ҳуқуқӣ дошта бошад;
- Фаҳмонида додани ҳуқуқҳои ҷабрдидагон аз ЗО мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»;
- Пешниҳоди машварати пешакӣ ва асосии (базавии) ҳуқуқӣ;
- Бақайдгирӣ дар журнали бақайдгирии муроҷиаткунандагон, бо нишондоди қайди «Ҷабрдидагони ЗО»;
- Пур намудани пурсишномаи пас аз машварат;
- Пур кардани Низоми идораи парвандаҳо (CMS) дар алоҳидагӣ нисбати ҳар шахси барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиаткунанда;
- Дар мавриди зарурӣ, бозравонкунӣ ба ташхиси судӣ-тиббӣ барои гирифтани хулосаи судӣ-тиббӣ;
- Тартибдиҳии даъвоҳо ё шикоят ва дигар ҳуҷҷатҳои аҳамияти ҳуқуқидошта; таҳияи маълумотномаҳо, ҷамъоварии маълумот ва омода намудани маводҳо барои пешниҳод ҷиҳати баррасӣ ба мақомоти дахлдор.

г) **Тавсияҳои амалӣ доир ба роҳҳои ҳалли ҳолатҳои бuҳронии шахсони аз ЗО зарардида:**

- Тартиб додани ариза оид ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ кашидани шахси содирнамудаи ЗО;

- Аз ШКД талаб намудани роҳхат барои гузаштани муоинаи судӣ-тиббӣ, агар зарурат ба миён ояд. Зеро шахси аз ЗО ҷабрдида мустақилона метавонад дар муассисаҳои тиббӣ аз муоинаи судӣ-тиббӣ гузарад;
- Дар баробари оғози кори ҷиноятӣ, инчунин бо аризаи даъвогӣ оид ба товони зарари моддӣ ё маънавӣ ба суд муроҷат кардан мумкин аст;
- Шахси чабрдида бояд ҳатман табобате, ки аз тарафи духтур таъин мегардад ба пуррагӣ гузарад;
- Дар мавриди зарурӣ, ва бо розигии хаттии ҷабрдида, пешниҳоди дархост ва равонасозии ӯ ба Марказҳои офиятбахшӣ барои будубоши муваққатӣ.

д) **Намояндагӣ дар суд:**

- Мувофиқи мод.50 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон:
    1. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд парвандаро дар суд шахсан ё ба воситаи намоянда пеш баранд. Иштироки шахсии шаҳрванд дар парванда ҳуқуқи ӯро ҷиҳати доштани намоянда вобаста ба ҳамин парванда маҳдуд намесозад.
    2. Шахсони ҳуқуқӣ парвандаро дар суд ба воситаи мақомоти худ, ки дар доираи салоҳияти пешбининамудаи қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё ҳуҷатҳои таъсисӣ амал мекунанд ё намояндагони онҳо пеш мебаранд.
- Ваколатҳои намоянда бо ваколатномаи аз тарафи нотариус тасдиқгардида, ба расмият даровардa мешаванд;
- Барои тамоми ҳуҷҷатҳои мурофиъавӣ (аризаҳои даъвогӣ, шикоятҳо, дигар аризаҳо) шакли хаттӣ муқаррар гардидааст (**ба Замима нигаред)**;
- Намоянда дар суд иштарок ва манфиатҳои ҷабрдидаи ЗО-ро ҳимоя менамояд.

## Қисми V. БОЗРАВОНАСОЗИИ ҶАБРДИДГОНИ ЗО БА ТАШКИЛОТИУ МАҚОМОТИ ДИГАР

Бо мақсади расонидани ёрии маҷмӯӣ ба ҷабрдидагони ЗО, мусоидат ба эҳё ва реинтегронии шахси ҷабрдидаи ЗО, вобаста аз талабот, афзалиятҳо ва розигии ниҳоӣ ӯ ҳуқуқшинос метавонад ӯро ба ташкилотҳо ва ё мақомоти дигар аз нав равона кунад, чуночӣ:

5.1. **Ҳуҷра барои ёрии тиббӣ-иҷтимоӣ ба занони ҷабрдида аз зӯроварӣ (таваллудхонаи маҳаллӣ ё беморхонаи клиникӣ)** –агар шахси ҷабрдида ба гирифтани ёрӣ розӣ шавад. Дар ин ҳуҷра шахси ҷабрдида метавонад то 15 рӯз истиқомат намояд;

5.2. **Ҷой/маркази эҳё/маркази дастгирии занон** – барои расонидани ёрии тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, пешниҳоди паноҳгоҳи муваққтӣ барои буду боши муваққатӣ ба ҷабрдида аз ЗО.

5.3. **Мақомоти ташхиси судӣ-тиббӣ -** барои ба даст овардани хулосаи судӣ-тиббии зарурӣ барои тафтишоти судӣ аз рӯи зӯроварӣ ба шахси ҷабрдида аз ЗО.

5.4. **ШКД** – дар сурати мавҷудияти асоси тасдиққунанда, ки дар натиҷаи амали ҷиноятӣ ё хилофи ҳуқуқҳои шахс зарар ба саломатӣ тариқи ЗО рух додааст.

5.5. **Комиссия оиди ҳуқуқи кӯдак ё мақомоти васоят ва парасторӣ** дар маҳалли зисти кӯдак – барои амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ дар робита бо ҷабрдидагони ноболиғ аз ЗО, намояндагии манфиатҳои қонунии ноболиғ дар мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд.

5.6. **Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, Мақомоти маҳалии худидоракунӣ (Ҷамоатҳо)** – барои дархости ҳалли мушкилии ҷабрдида, аз ҷумла тадбирҳои профилактикаи ЗО. Дар назди мақомоти маҳаллии навоҳии вилояти Хатлон *“Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила”* фаъолияташонро расман роҳандозӣ намудааст, ки ба ҳайати он тамоми субектҳои амаликунандаи “Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” шомил буда, уҳдадоранд ба ҷабрдидгони ЗО ҳангоми муроҷиаташон ёрӣ расонанд.

5.7. **Маркази омӯзиши калонсолон, марказҳои шуғли аҳолӣ** – ворид намудани ҷабрдидагони зӯроварӣ ба рӯихати иштирокчиёни Курсҳои омӯзиши касб, додани шаҳодатномаи хатм, ва ба шуғли меҳнат фаро гирифтани онҳо.

5.8. **Прокуратура** – барои баррасии маълумот дар бораи зӯроварӣ ё таҳдиди ЗО, оғози парвандаи ҷиноятӣ тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5.9. **Суд** – барои ҳимояи ҳуқуҳо ва манфиатҳои қонунии ҷабрдидаи ЗО.

5.10. **Судиҷрочӣ** – барои иҷрои Қарорҳои мақомоти судӣ.

Барои таъмини бозравонакунии самаранок бо мақсади баровардани ҳоҷати ҷабрдидагони ЗО (ба истиснои ҳалли мушкилии аҳамияти ҳуқуқидошта), ҳуқуқшиносони БДҲ бояд доимо маълумоти тамосгирии ташкилотҳои зикргардидаро нав кунанд. Рӯихат бо маълумоти тамосгирии ин ташкилотҳо бояд барои истифодаи хизматии ҳуқуқшиносон, инчунин дар ҷойи қабули шаҳрвандон гузошта шавад.

## Қисми VI. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

6.1. Иҷро нагардидани талаботи Дастурамали мазкур ва инчунин риоя нагардидани принсипи махфияти маълумот дар бораи муроҷаткунанда-ҷабрдидаи ЗО аз тарафи ҳуқуқшиносони БДҲ, ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузорӣ, аз он ҷумла дар моддаҳои 24 ва 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» фаро мерасад.

6.2. Дар ҳолати ошкор гардидани факти расонидани ёрии ҳуқуқии якумдараҷаи ғайриихтисонок ба ҳуқуқшиноси дахлдор огоҳии қатъӣ элон гардида, дар сурати такрор яктарафа қатъ намудани қарордоди меҳнатӣ баррасӣ карда мешавад.

**ЗАМИМА:** Рӯйхати намунаҳои ариза ва шикоят дар ҳаҷми <u>8</u> саҳифа.

**ЗАМИМАҲО**

**Ба суди** ________________
аз номи ___________________________________
сокини _______________ кӯчаи ______________
биноӣ №____ ҳуҷраи______№_______
тел ______________________

## А Р И З А
(тариқи айбдоркунии хусусӣ тибқи талаботи моддаи 353 КМҶ ҶТ)

Бо шаҳрванд _____________ аз моҳи ___ соли -ум ҳамчун зану шавҳар зиндагонӣ карда, хоҷагии умумӣ мебурдем. Никоҳи байни мо дар таърихи 05.12.2010 сол дар Шӯъбаи САҲШ-и ______ таҳти №ба қайд гирифта шудааст. Аз оғози зиндагонии якҷоя байни ману _____ ҳамчун зану шавҳар якдигарфаҳмӣ ҷой надошт.

Шавҳарам бо ҳар баҳона ба хашм омада, манро таҳти лату кӯб ва дашномҳои қабеҳ қарор медод. Ба лату кӯб ва дашномҳои _____ ман тоқат карда хотири вайрон нашудани оилаамон ба ҷое муроҷиат намекардам. Рӯзи _______ сол баъди аз ҷониби модараш шунидани ҳар гуна суханҳои беасос, шавҳарам Мирзоев Ф.Ф. манро дашному ҳақорат намуда, таҳти лату кӯби шадид қарор дод, ки дар натиҷа фарзанди ___ моҳаи дар батни ман буда, ғалтид. Баъди аз ҷониби _____ лату кӯб шуданам ман ба хонаамон омадам ва оиди манро дашном ва лату кӯб кардани _________ аҳли оилаамон огоҳӣ пайдо намуданд. Ҳолати манро лату кӯб кардан ва фарзанди дар банти ман буда, ғалтидан инро маълумотнома духтур тасдиқ мекунад. Бинобар гуфтаҳои зикршуда ва бо дастрасии моддаи 353 КМҶ ҶТ аз суд,

## Х О Ҳ И Ш  М Е Н А М О Я М:

(Ном) ____________________ (насаб) сокини _______ кӯчаи ____биноӣ 5/15 (тел.: ___________) бо моддаҳои 112 ва

117 **КҶ** Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Ба маҷлиси судӣ шоҳидон:

1. ____________________________ сокини _____ кӯчаи ____ бинои ___ ҳуҷраи ___.

2. ____________________________ сокини _____ кӯчаи ____ бинои ___ ҳуҷраи ___.

3. _____________________ сокини ___ Душанбе кӯчаи ____ бинои ____ ҳуҷраи ___ даъват карда оиди ҳолати лату кӯб шудани ман пурсида шаванд.

Замима:

1. нусхаи маълумотномаи духтур аз ____________ сол.

2. маълумотнома аз ҷойи зист.

3. нусхаи шиноснома.

____ ____ ___ сол. _______________**(ному насаб)**

**БА САРДОРИ ШВКД**
**НОҲИЯИ ______________**
**ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз номи ________________________________
Мувaққатан истиқоматкунандаи ш.Душанбе
кӯчаи________________ тел. _____________

## А Р И З А

Дар баробари аризаи худам ба маълумоти Шумо расониданиам, ки ман (Ному насаб) мувақатан истикоматкунандаи суроғаи дар боло зикргардида, бо шаҳрванд санаи ______________ бо ҷавобгар (Ному насаб) ______________ ба шавҳар баромада, акди никоҳамонро дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шахрвандии ноҳии Синои ш.Душанбе аз (сана) тахти №______ ба расмият даровардем.

Аз ин никоҳ соҳиби ду фарзанд мебошем.

1. ___________________________________
2. ___________________________________

Аз рӯзи аввали зиндагиамон байни ман ва шавҳарам якдигарфахмӣ набуд. Шавҳарам доимо маст ба хона меомад, маро бо хар баҳона лату кӯб мекард. Баъдан Ӯ ба истеъмоли нашъа майл пайдо намуд. Ману хушдоманам фикр мекардем, ки баъди фарзандор гаштан муносбаташ дигар мегардад. Соли ____ ба нашъачалобӣ машғул шуд, худаш ҳам истифода мебурд. Аз чихати модди ману фаразандонро таъмин намекард. Маро ҳам дар ягон чой кор кардан ичозат намедод. Дар вакти наёфтани маблағ барои нашъа маро ва кудаконамро гирифтори лату кӯб намуда тамоми чизу чораи хонаро бурда фурӯхт. Тилловориориҳоямро (гушвору ангуштаринҳоямро) ҳатто гушворҳои духтарчаамро ба хотири нашъа дуздида фурӯхт. Ҳама ин рафторҳои ӯро ба хотири хонавайрон нагаштанам тоқат намуда ба касе намегуфтам. ________ сол шавҳарам (ному насаб) _________ дар ҳолати мастӣ ба хона омада бе ягон сабаб маро дар

назди фарзандони хурдсолам бо дасту пойҳояш вахшиёна лату кӯб намуд. Тасдиқаш Санади ташхиси-тиббӣ тахти №____ аз _______ с. Ин рафтори _____________ дигар тоқат накарда ман фарзандонамро гирифта ба хонаи волидонам омадам. Чунин рафтори манфии _________ ба саломатӣ ва тарбияи фарзандонам таъсири манфӣ мерасонад.

(Ному насаб) ___________ маро таҳқир намуда истода таҳдиди касос гирифтанро дорад. Барои бехатарии худам ман аз хона бо ҳамроҳии падарам мебароям. Аммо падарам маро доимо рохбаладӣ карда наметавонад.

**Аз Шумо эҳтиромона хохиш менамоям нисбати (ному насаб)______________ суроға: ш.Душанбе, кӯчаи____________ чора андешед. Инчунин дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” аз 19 марти соли 2013, моддаи 11 ба номбурда “Амрномаи мухофизатӣ” дода шавад.**

**ЗАМИМА:** Нусхаи Санади экспертизаи тиббию судӣ

Нусхаи шиносномаи ман
«___» ________ соли 201__ _________ имзо

**Ба суди ноҳияи _________**

Даъвогар: ___________________________
сокини ____________________ кӯчаи _____
бинои ҳуҷраи №_____, тел.__________

Ҷавобгар: ____________________________
сокини ____________________ тел.__________

Ҳамҷавобгар: ______________________
сокини ____________________ тел.__________

## А Р И З А И   Д А Ъ В О Г Ӣ

(оиди аъзои оилаи молик эътироф кардан ва
маскун кардан ба манзили истиқоматӣ)

Бо ҷавобгар ______ моҳи ____ соли ____-ум ақди никоҳ баста бо пешбурди ҳоҷагии умуми зиндагони кардаем. Ақди никоҳи байни мо рӯзи ___ сол дар ______ тахти № ба қайд гирифта шудааст. зиндагонии якҷоя сохиби ______ фарзанд: _______ санаи таваллуд _____ сол, гардидаем.

Аз рӯзи тӯй шуданам ман бо ҳамроҳии шавҳарам ______ дар манзили истиқоматии воқеъ дар суроғаи ______, ки соҳибмулки он ҳамҷавобгар ____ мебошад, зиндагони карда бо ӯ хоҷагии умуми пеш мебурдем. Фарзандам ______ низ дар манзили зикршуда тавваллуд шудааст.

Якчанд моҳ пештар муносибатҳои ману шавҳарам ______ бад шуданд ва ман маҷбур шудам ба хонаи падару модарам равам. Ҳоло ман бо фарзандам дар хонаи падару модарам зиндагонӣ карда истодаам, ки дар он ҷо барои мо шароити зиндагонӣ мухайё нест.

**Мувофики талаботи моддаи 121 кисмхои 1 ва 2-и Кодекси Манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои оилаи молик ҳамсар ва фарзандони ҳамрохашон доими сукунатдошта ҳисоб меёбанд. Дар ҳолатхои мустасно инчунин дигар ашхос, ки бо молик мукими истиқомат мекунад ва бо ӯ хоҷагии умуми пеш мебарад, чун аъзои оилаи молик шинохта мешавад.**

Ман ҳамчун ҳамсари _____ ва келини _____ бо онҳо дар ин хона ба таври муқими зиндагони карда, хоҷагии умуми пеш мебурдам ва аъзои оилаи онхо будам.

Бинобар асосҳои дар боло овардашуда ва бо дастрасии моддаи 121 Кодекси Манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суд,–

**ХОХИШ МЕНАМОЯМ:**

Ман _______ ва фарзандам _______ аъзои оилаи соҳибмулк _____ эътироф карда шуда, ба манзили истикоматии ӯ воқеъ дар _______ маскун карда шавем.

Нусҳаи хуҷҷатҳои хуқукмуайякунандаи манзили истиқоматии мазкур аз ҷавобгарон талаб карда шуда, ба парванда ҳамроҳ карда шаванд.

**Замима:** Аризаи даъвогӣ дар ____ нусха.

Нусхаи шиноснома

Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди фарзандамон.

Пардохтварақаи боҷи давлатӣ.

**Аризадиҳанда ________________(ному насаб)**

сана_________моҳ _____сол

**Ба суди ноҳияи _________**

Даъвогар: ________________________
сокини _________________ кӯчаи _____
бинои ҳуҷраи №_____, тел.____________

Ҷавобгар: _________________________
сокини _________________ тел._________

**АРИЗАИ ДАЪВОГӢ**
(оиди рӯёнидани алимент)

Бо ҷавобгар ______ мохи ____соли ____-ум акди никоҳ баста ҳамчун зану шавҳар бо пешбурди хоҷагии умуми зиндагонӣ кардаем. Акди никоҳи байни мо рӯзи ___ сол дар ҷамоати дехоти ____ ноҳияи Рудаки таҳти №ба қайд гирифта шудааст. Аз зиндагонии якҷоя соҳиби ___ фарзанд: _______ санаи таваллуд _____ сол, гардидаем.

Аз оғози зиндагонии якҷоя муносибати ҷавобгар ____ нисбати ман хуб нест.

Бинобарин муддати якчанд моҳ аст, ки ман дар хонаи падару модарам зиндагонӣ карда истодаам. Шавҳарам _____ кор мекунад ва маблағи хуб ба даст меовард.

Дар ин муддат ҷавобгар ______ аз ҷиҳати моддӣ, барои таъминоти фарзандамон саҳми худро намегузорад. Ҳарчанд ӯ ____ кор карда даромади хуб ба даст меорад.

**Тибқи талаботи кисми 1 ва 3 моддаи 80 Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модар вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Агар падару модар фарзандони худро таъмин накунанд, маблағ барои таъминоти онхо (алимент) аз падару модар тибқи тартиби муқаррарнамудаи суди ситонида мешавад.**

Бинобар асосхои дар боло овардашуда ва бо дастрасии моддаҳои 80 ва 83 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суд,–

## Х О Ҳ И Ш   М Е Н А М О Я М :

Аз ҳисоби ҷавобгар _______ (ном, насаби) ба фоидаи ман ______ (ном,насаб)барои таъминоти фарзандамон _______ санаи таваллуд 16.12.2009 сол ҳар моҳа алимент, ба маблағи ___ сомонӣ ба таври устувор, то ба балоғат расиданаш, рӯёнида шавад.

**Замима**: Аризаи даъвогӣ дар ___ нусҳа
Нусхаи шиноснома
Нусхаи маълмумотнома аз ҷойи зист
Нусҳаи шаҳодатномаи ақди никоҳ
Нусхаи шаҳодатномаи таваллуди фарзандамон

____________ (ному насаб)
сана____ ___моҳ ___сол

Барои қайдҳо: